**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 31/2с

аз «03» 04 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба «Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 январи соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 20 январ то 19 марти соли 2020 гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиши ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки:

1. Нусхаи ниҳоии таҳлили таъсири танзимкунии шакли хаттии пешниҳодгардида ба шакли электронӣ мувофиқат наменамояд.

2. Дар таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи зикргардида риоя нагардидани талаботи сархати даҳуми қисми якуми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мушоҳида гардида, роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда ба таври мушаххас ва дақиқ тавсиф дода нашудааст. Чун қоида доир ба талаботи мазкур бояд маълумот оид ба роҳҳои алтернативии дигари ҳалли масъала (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) пешниҳод гардад.

3. Талабот оид ба арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот, ки аз талаботи сархати 11 қисми якуми моддаи зикргардида бармеояд, ба таври умумӣ пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии он, муфассал арзёбӣ нашудааст.

Дар баробари ин, дар таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадорӣ оид ба фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ба аъзои гурӯҳи санҷиш, аз ҷумла таъмин намудан бо воситаҳои зарурӣ, ҷевонҳои насӯзанда барои нигаҳдории ҳуҷҷатҳо, компютерҳои дорои таъминоти барномавӣ ва монанди инҳо пешбинӣ гардида, аз ин нуқтаи назар низ арзёбӣ намудани оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии лоиҳа зарур мебошад.

Дар баробари ин, бо мақсади такмили минбаъдаи лоиҳа пешниҳоди таклифҳои зерин мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад:

1. Лоиҳаи пешниҳодгардида дорои нишонаҳои муқаррарнамудаи сархатҳои якум, сеюм ва чоруми моддаи 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” (минбаъд - Қонун) намебошад.

Аз ҷумла, вобаста ба намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд зикр намуд, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 24 Қонун вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш, кумитаҳои давлатӣ Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қарор

қабул мекунанд. Гарчанде, қабул намудани лоиҳа дар шакли қарор пешбинӣ шудааст, вале худи лоиҳаи қарор пешниҳод нагардида, танҳо замима ба лоиҳаи қарор пешниҳод гардидаасту халос.

Мутобиқи қисми 6 моддаи 56 Қонун ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти (шахси мансабдори) ҳуқуқэҷодкунанда, ки онро қабул намудааст, бо роҳи қабул намудани ҳамон намуд санади меъёрии ҳуқуқие, ки тағйиру иловаҳо ба он ворид карда мешаванд, сурат мегирад.

Лоиҳа бо дарназардошти талаботи моддаи 45 Қонун пешниҳод гардида, дар робита ба ин бояд зикр намуд, ки талаботи моддаи мазкур танҳо таркиби санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии қабул ё тасдиққунанда ва бо дигар санад қабул ё тасдиқшавандаро танзим намуда, бо ин тарз ворид намудани тағйиру иловаҳо мухолифи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Бинобар ин, пешниҳод мегардад, номи лоиҳа дар таҳрири зерин ифода карда шавад: "Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2014, №13".

Аз кунҷи рости болои лоиҳа калимаҳо ва аломати "Замима ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №___, аз "___" ______ соли 20__" ба калимаи "Лоиҳа" иваз карда шаванд.

2. Таркиби лоиҳа бо дарназардошти моддаи 44 Қонун пурра таҷдиди назар карда шавад. Аз ҷумла, мутобиқи қисми 2 моддаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонуние, ки дар моддаҳои 21-27 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, бояд муқаддима дошта бошанд ва дар он ишора ба санади меъёрии ҳуқуқӣ (модда, қисм ё банди он), ки дар асос ва барои иҷрои он қабул мегардад, нишон дода шавад. Ба муқаддима амру дастурҳои меъёрӣ дохил карда намешавад. Лоиҳаи пешниҳодгардида дорои муқаддима набуда, асоси ҳуқуқии қабули он низ дарҷ нагардидааст.

Бинобар ин пешниҳод мегардад, ки ба лоиҳа муқаддимаи он дар таҳрири зерин илова карда шавад:

“Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон қарор мекунад:”.

3. Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2014, №13 дар асоси қисми 7 моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” қабул гардида, бо дарназардошти мақсади таҳияи лоиҳа, ки дар таҳлили таъсири танзимкунии он инъикос гардидааст, мувофиқи мақсад мебошад, ки пешбинӣ намудани қисми 7 моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” зимни такмили такрории лоиҳа ба инобат гирифта шуда, пас аз муқаддимаи болозикр дар таҳрири зерин илова карда шавад:

“1. Дар муқаддимаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2014, №13 “Оид ба тасдиқи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он” аломати “,” ба калимаҳо ва аломати “ва қисми 7 моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “”Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ”” иваз карда шавад.”.

Дар сурати ба инобат гирифтани таклифҳои манзургардида ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта Марказ лоиҳаи мазкурро дастгирӣ менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.

Иҷро кард: Шарифзода Ф.
Тел: 227-15-44